## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сафаров Некрӯз Шодиевич дар мавзӯи «Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён» (дар асоси маъхазҳои таърихӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2019.**

Даврони давлатдории Сомониён, ки замони авҷи ташаккули халқи тоҷик ба ҳамин давра рост меояд, дар тамаддуни башарӣ камназир мебошад. Сомониён ҳудудҳои тоҷикнишинро дар қаламрави ягона муттаҳид карданд ва ба ташаккули халқи тоҷик замина муҳайё намуданд. Корномаи таърихиву фарҳангии замони Сомониёнро метавон давраи заррин дар таърихи тамаддуни мардумони Осиёи Марказӣ номид ва ба он арҷ гузошт. Бояд мероси гаронбаҳои асрҳои миёна аз ҷумла, замон ва ҳудуди ҷуғрофии давлати Сомониён ҳарчи бештару амиқ омӯхта, ба гузаштаи пурифтихори халқи тоҷик баҳои воқеӣ диҳем.

Дар ин самт унвонҷӯ Сафаров Некрӯз Шодиевич дар натиҷаи таҳлили муқоисавии сарчашмаҳои хаттӣ ва маводи бостоншиносӣ доир ба ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён тадқиқоти арзишманди илмиро ба анҷом расонидааст. Дар натиҷаи заҳмати пурсамари Сафаров Некрӯз Шодиевич маълумот ва фаҳмишҳои нав доир ба мавқеи шаҳру вилоятҳои мухталифи Сомониён дар Хуросон ва Мовароуннаҳр ба доираи илм пешниҳод гардид. Аз ҷониби муаллиф ҳудуди давлати Сомониён бо истифода аз сарчашмаҳои дастраси иттилоот васеътар тасвир шудааст. Муаллиф навиштааст, ки ҳудуди давлати Сомониён асосан дар замони ҳукмронии Исмоили Сомонӣ, Аҳмад ибни Исмоил ва Наср ибни Аҳмад густариш ёфта, дар ғарб соҳилҳои ҷанубии баҳри Хазар, дар ҷануб то Сиистону Синд ва дар шимолу шарқ то Хоразму сарҳадоти шимолии Фарғонаро фаро мегирифт. Албатта, мавҷудияти

давлати Сомониён дар чунин ҳудуди васеъ ва сиёсати фарҳангии онҳо боиси ташаккули халқи тоҷик ва иттиҳоди сиёсию фарҳангии он гардид.

Муаллиф дар бораи шаҳру русто ва вилоятҳои Бухоро, Тавовис, Кармина, Зандана, Афшана, Искиҷкат, Байканд, Ромитан, Варахша, Самарқанд, Бунҷикас, Маймурғ, Дарғам, Иштихон, Кӯшония, Кеш, Дизак, Ӯзканд, Чағониёну Вашгирд, Хатлону Хуросону Ғарҷистон, Бомиён, Шибирғон ва дигар манотиқ маълумот оварда, кашфиётҳои нави бостоншиносии анҷомёфта дар қаламравӣ баъзе аз ин шаҳрҳоро таҳлил ва пешниҳод намудааст.

Унвонҷӯ дар асоси таҳлили муқоисавии сарчашмаҳои мухталиф ба хулосае меояд, ки дар асрҳои миёна Мовароуннаҳру Хуросон аз чандин мулку кишварҳои мустақилу ниммустақил иборат буда, айни ҳол он ҳудудҳо қисман ба давлатҳои кунунии Туркманистон, Ӯзбекистону Тоҷикистон ва қисман ба Афғонистону Эрон ва Покистон шомил мебошанд.

Нововарии илмии таҳқиқот дар он дида мешавад, ки аввалин маротиба ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён дар асоси маводди сарчашмаҳои ҷуғрофӣ-таърихии асрҳои миёна ба таври фарогир таҳқиқ гардида, бо такя ба маълумоти сарчашмаҳои ҷуғрофӣ - таърихӣ ҳудуди давлати Сомониён дар тамоми давраи мавҷудияти он муайян шудааст. Инчунин дар асоси маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ, ҳафриёти бостоншиносӣ ва маводди сиккашиносӣ роҷеъ ба шаҳру вилоятҳои давлати Сомониён маълумоти муҳим оварда шуда, омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки дар тағйири ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён асаргузор буданд, аз ҷониби унвонҷӯ мушаххас шуда, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Унвонҷӯ Сафаров Некрӯз Шодиевич дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти худ ба хулоса меояд, ки дар тамоми давраи ҳокимияти Сомониён дар

Мовароуннаҳру Хуросон ҳудуди ҷуғрофиёии ҳокимият ва давлати онҳоро метавон ба се марҳала ҷудо кард: 1) давраи ба вилоятҳои Мовароуннаҳру Хуросон ҳоким таъйин шудани намояндагони хонадони Сомонӣ, яъне солҳои 819–892; 2) замони таъсиси давлати Сомониён ва густариши ҷуғрофиёи он: 892–943; 3) замони коҳиши ҷуғрофиёи давлати Сомониён ва аз дасти хонадони Сомонӣ берун рафтани Мовароуннаҳру Хуросон: солҳои 60-асри X – 1005.

Рисола Сафаров Некрӯз Шодиевич заминаи боэътимоди илмӣ дорад. Он дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи сарчашмаҳои хаттӣ, маълумотҳои гуногуни бостоншиносӣ ва сиккашиносӣ навишта шудааст. Унвонҷӯ аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар рисола гузошташуда ба хубӣ баромадааст.

Автореферати диссертатсияи Сафаров Некрӯз Шодиевич «Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён» (дар асоси маъхазҳои таърихӣ) тибқи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш комилан ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 10, 11, 12 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он Сафаров Некрӯз Шодиевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ» арзанда мебошад.

Сардори шуъбаи таърихи
нав ва навтарини Осорхонаи
миллии Тоҷикистон
номзади илмҳои таърих, Фирдавси А.

24.12. 2019.
Имзоро тасдиқ мекунам:
Сардори бахши кадрҳо ва коргузории
Осорхонаи миллии Тоҷикистон Қадамова Ф.